Сайидалӣ Маъмур

# Алвончак





**Азизакони ман!**

Шуморо хеле дӯст медорам. Бисёр мехохам китобхон бошед. Китоб чароғи дониш аст.

*Сайдалӣ Таймур*

**КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ЧДММ «Ҳоҷӣ Ҳасан»

Сайидалӣ Маъмур

# Алвонҷак



ТЧБ «Истикбол»
Душанбе-2013

## ПАЗМОНӢ

Бузаки навзоди мо
Дар ҳавлӣ танҳо мондаст.
Очабузро акоям
Саҳар ба чаро рондаст.

Аз ин сабаб бузича
Ҳар дам маъас мекунад.
Бегоҳ очабуз ояд,
Маъасаш бас мекунад.

Модарам ба кор равад,
Ман ҳам мешудам гирён.
Модарам аз кор ояд,
Ман ҳам мешудам хандон.





## ТАРБУЗ

Модарам овард
Тарбуз аз бозор,
Мо хона мондем,
Вай рафт бар кор.

То омади ӯ
Додару хоҳар,
Карда ду тақсим
Хӯрдем баробар.

Омад чу модар
Бегоҳӣ аз кор,
Бигуфто ба ман:
– Тарбузро биёр.

Чун нест гуфтам,
Пурсид: Куҷо шуд?
Дар ишками мо
Гуфтам, ки ҷо шуд.

Ишкамчаҳоро
Молиду санҷид.
Тарбузчаҳоро
Ӯ диду хандид.

## АЗ ҲАМА БЕҲТАР

Аз шаҳри дигар
Кардам телефон.
Гӯшакро гирифт
Ин дафъа Меҳрон.

Аз ӯ пурсидам
Аҳволи модар,
Аҳволи падар,
Аҳволи хоҳар.

Гуфто дар ҷавоб:
– Нашав хавотир.
Мо ҳама нағзем,
Худат макун дер.

Бобо, очаам
Аз ҳама беҳтар.
Ӯ шоколад дод
Ба ман ин саҳар.



## ҚАЛАМИ БОБО

Бобоҷонам ҳар саҳар
Пеш аз мо хезад аз хоб.
Гирифта коғаз, қалам,
Ӯ менависад китоб.

Чандто китоб навиштаст,
Акои ман медонад.
Гирифта аз рӯи раф,
Ӯ ҳар замон мехонад.

Аммо бобом бароям
Навиштааст китоб,
Китобчаҳои ранга
Мехонам ман аз ҳар боб.

Навис гӯям, мегӯяд:
– Забони бачча дигар.
Забони баччаҳоро
Ӯ намедонад магар?

Вақте бо ӯ гап занам,
Забонамро медонад.
Қалами ӯ ранга нест,
Навишта наметонад.





## МЕҲМОН

Ба хона меҳмон ояд,
Хурсандиям физояд.
Дастархон мешавад пур:
Бо ноку себу ангур...
Ҳам хӯришҳои бисёр
Модар мекунад тайёр.
Дар хона то меҳмон аст,
Меҳрубон хонадон аст.
Шӯхию бозӣ кунам,
Нозу арозе кунам,
Падар намезанад дам,
Маро намедиҳад ғам.
Модар бигашта дилтанг,
Маро намекунад ҷанг.
Мекунад сабру тоқат,
Гӯшамро наметобад.



## ЧАРОҒИ ОСМОН

Як шаб чароғи
Хонаи мо мурд,
Аз бечароғӣ
Зуд хоби ман бурд.

Хестам саҳаргоҳ
Бидидам осмон.
Ҳар гӯшаи он
Равшан чароғон.

Монанди қандил
Буд моҳи тобон.
Шодона гуфтам:
– Чароғи осмон!

## ФАЙЗИ САҲАР

Ман ҳам чу бобом
Шудам саҳархез.
Модар нагӯяд
Маро дигар: Хез!

Бобоям кунад
Сила сару мӯ.
Модарам бофад
Мӯямро хушрӯ.

Ҳамроҳи падар
Меравам ба кор.
Дар боғча дорам
Ман кори бисёр.

Ба пешвоз ояд
Мураббӣ аз дар.
Хандон барояд
Офтоби саҳар.



Сайидалӣ Маъмур

# АЛВОНЧАК

(шеърҳо барои хурдтаракон)

ТҶБ «Истиқбол», 2013, ш. Душанбе,
хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16
Тел: (99237) 238-53-01, (918) 82-94-75
E-mail: Istiqbol.tj@list.ru
Website: www.istiqbol.org

## АЛВОНЧАК

Боде вазон шуд
Аз сӯйи кӯҳсор,
Алвонҷ аз он хӯрд
Шохи сафедор.

Дар нӯги шоха
Биншаста майна,
Алвонҷ мехӯрд
Пайваста майна.

Гӯё, ки шоха
Алвончакаш буд,
Алвонҷ хӯрда
Буд майна хушнуд.

Алвончаки ӯ
Буд сабзу зебо.
Бар раҳгузарҳо
Боби тамошо.



Муассис: Латофат Кенчаева
Муҳаррир: Юсуфҷон Аҳмадзода
Мусаввир: Олим Камолзода
Ороишгар: Комрон Раҳмонзод
Мусаҳҳеҳ: Ганҷина Муллоҷонова

Ба чоп 15/06/2013 супорида шуд.
Ба чопаш 20/06/2013 имзо шуд.
Андоза А4. Коғаз-бристоли америкоӣ.
Ҷузъи чопию ҳисобӣ 2,5. Теъдод
5000 нусха. Нархаш шартномавӣ



## МУРҒОБӢ

Ман дорам як мурғобӣ,
Мурғобии гапдаро.
Ҳар чӣ гӯям мекунад:
«Ға-ға-ға-ға», доимо.
Обу дона мехоҳӣ?
«Ға-ға-ға, ға-ға-ға-ға»,
Ба дилат зад танҳоӣ?
«Ға-ға-ға ға-ға-ға-ға»,
Бо ман ба сайр меравӣ?
«Ға-ға-ға, ға-ға-ға-ға»,
Дӯст ба ман мешавӣ?
«Ға-ға-ға, ға-ға-ға-ға»,
Маънои ға-ға-ға-ға
Медонӣ чӣ?
– Ҳа-ҳа-ҳа!
Аммо надонад Носир
«Ға-ға» чӣ маънӣ дорад.
Ҳар чӣ гӯям, дар ҷавоб
Ҷои ҳа! Не! Не! – дорад.
Мурғобӣ аз Не!-ҳояш
Дар хиҷолат мемонад.
Ба ҷои ға-ға сӯяш
Ӯ гардан меҷунбонад.

ISBN 978-99947-53-99-4

9 789994 753994

Дар интишороти «Imak-ofset» ба нашр расидааст